**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 – и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов, 64/4**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси молия Якубзода Маъруф Садруддин ба диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия бо ихтисос ва самти илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя бароварда шудааст.

Дисертатсияи навишта шудаи Ҳусейнов У.С. аз рӯйи ихтисоси интихобнамуда мувофиқ буда, ба бандҳои 2.4; 2.6; 2.9; 2.16 ва 3.14 Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқат мекунад.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия:

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон башумор меравад, ки дар ин самт сабукиҳо ва ҳавасмандиҳои гуногун пешниҳод шудааст, аз ин лиҳоз такмил додани низоми андозбании ин самт масъалаи актуалӣ ҳисобида шуда, аз муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дарак медиҳад. Дар робита ба ҳамин, ҳалли масъалаҳои тақвият додани иқтидори иқтисодӣ дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро он ба афзун гардонидани воридоти андозӣ ба низоми мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, авҷ гирифтани хизматрасониҳои босифат, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ташаккул ва татбиқи иқтидори иқтисодӣ дар заминаи рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии

Тоҷикистон масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ буда, зарурати омӯзиш ва таҳқиқи онро дар сатҳи ҷумҳурӣ ба миён овардааст.

Ба ақидаи муаллиф нуқтаи асосии тақвияти рушди субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ бо дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ омили муҳим баромад мекунад. Ҳолати мазкур, муайянкунандаи иқтидори иқтисодӣ ва тақвияти иқтидори нави буҷетии кишвар ба шумор меравад. Тарве, ки диссертант қайд намудааст, баҳодиҳӣ, таҳлил ва дурнамои воридоти андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, дар робита бо татбиқи низомҳои махсуси андозбандӣ, барои дар оянда бароҳ мондани равандҳои муфиди ташаккул ёфтани иқтидори буҷети давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун шарти муҳим баромад мекунанд (саҳ. 5). Дар ин самт, барои ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии дурнамо ҷараёни такмилдиҳии андоз дар доираи рақамикунонии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ омили таъсирбахш зиёд мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рӯшд тадриҷан чораандешӣ карда мешавадн.

**3. Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он.**

Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда бо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти анҷом додашуда алоқаманд буда ба талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳо, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот муайян карда шудааст ва ҳамчунин объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд (саҳ. 4-13).

Дар боби аввал - “Асосҳои андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ” - муаллиф таваҷҷуҳи махсуси худро ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, хусусиятҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба омӯзиши таҷрибаи байналмилалии андозбандии соҳибкории

истеҳсолӣ ва имкониятҳои истифодабарии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст (саҳ 14-59).

Яке аз ҷабҳаҳои муҳими илмии ин боб ба ақидаи муқарриз ин аст, ки муаллиф дар параграфи 1.1. алгоритми ташаккулёбии назария ва методологияи муносибатҳои андозбандиро таҳия намуда қайд мекунад, ки такмили методологияи андозбандӣ барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ муайянкунанда баромад мекунад. Масалан, тиҷорати хурд бояд, пеш аз ҳама, дар робитаи зич бо низомсозии таҷрибаи таърихии татбиқи шаклҳои гуногуни андоз бошад. Бо дарназардошти истифодаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии андоз имкониятҳое ба амал меоянд, ки онҳо ҳамчун заминаи ташаккулёбии муносибатҳои андозбандӣ баромад мекунанд (саҳ. 16-17).

Дар боби дуюм - "Таҳлил ва арзёбии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи истифодабарии низомҳои махсуси андозбандӣ" - вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст (саҳ. 60-105).

Таҳқиқи арзишманди докторант дар заминаи таҳлили боби мазкур ин аст, ки дар давоми солҳои 2020 - 2022 соҳаҳои воқеии иқтисодӣ аз рӯйи теъдоди корхонаҳои хурд ва фаъолияти онҳо дар ҳамоҳангӣ имкон фароҳам овардаанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот афзуда, бо васеъ шудани даромад воридоти андозро дар сатҳҳои гуногуни буҷетӣ таъмин намоянд. Дар маҷмуи корхонаҳои хурд ҳиссаи соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва сохтмон вобаста ба теъдод соли 2022 мувофиқан 34,7; 8,4 ва 56,8%-ро ташкил медиҳанд. Дар ҳамин давра, соҳаҳои мазкур аз рӯйи натиҷаи истеҳсолӣ мувофиқан ба 41,9; 8,2 ва 49,9% баробар мебошад. Ҳамзамон, аз рӯйи воридоти андоз бошад, соҳаҳои мазкур дар соли 2022 мувофиқан тибқи уҳдадориҳои молиявӣ 41,8, 5,5 ва 52,7%-ро ташкил додаанд. Дар қиёс, вазъи қиёсии соҳаи сохтмон аз рӯйи ҳаҷми истеҳсол ва воридоти андоз нисбатан баланд буда, соҳаи саноат бошад, ҷойи дуюмро ишғол

менамояд, ки аҳаммиятнокии онҳо дар таъмини некуаҳволии мардум аз ҳисоби ҷойҳои кории нав ва даромаднок дарак медиҳад. Муаллиф бар он назар аст, ки омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур ба он водор месозад, ки мақоми соҳибкории истеҳсолӣ на танҳо дар доираи рушди дохилисоҳавӣ, инчунин бобати рушди соҳаи мазкур дар самти татбиқи сиёсати воридотивазкунанда баромад кунад (саҳ. 80-81).

Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии такмили андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ» - асосноккунии самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои такмилдиҳии он, мушкилот, дурнамо ва самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 106-146).

Нуктаи муҳиме, ки аз ҷонби мауллиф дар боби мазкур таҳқиқ шудааст, ин мебошад, ки ба ташаккули бомуваффақияти корхонаҳои хурд, миёна ва калон омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Дар ин раванд низоми андозбандӣ яке аз омилҳои асосии таъсиррасон баҳисоб рафта, бевосита барои шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳои андоз бармеояд. Таҷрибаи рушди муносибатҳои нави хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки муқаррар намудани имтиёзҳои андоз асоси воқеӣ дорад. Чунки барои истеҳсолоти хурд, миёна ҷиҳатеро ба инобат мегиранд, ки фарқияти хароҷоти андоз аз андозаи субъектҳои хоҷагидорӣ вобастаги дошта, бо мисолу масъалаҳо шарҳ дода шудааст (саҳ 106-107).

Инчунин дар ин бо диссертант баъд аз таҳлили нуктаи назари олимони ватанию хориҷӣ ба ақидае омадааст, ки соҳибкории истеҳсолӣ қисми муҳимми фаъолият ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба шумор рафта, дар фазои озоди адолатхоҳона ба омили рушд табдил меёбад. Бо ин мақсад рушди босуръати соҳибкории истеҳсолӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ заминаи хуби таъмини даромад ва баланд гардидани сатҳи пешравиҳои субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад (саҳ. 117).

-Дар хотимаи таҳқиқот хулосаи рисолаи мазкур бо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёт ва интишороти муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия оварда шудааст (саҳ. 147-170).

**4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Факту ракамҳои дар таҳқиқоти диссерататсионӣ истифода намудаи Ҳусейнов У.С. аз сарчашмаҳои боэътимод буда тавассути гузаронидани таҳлилҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморию эконометрикии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва муқоисавӣ таҳия гардидаанд.

***Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада.***

Сахми шахсии муаллиф дар таҳия ва навиштани диссертатсия бараъло эҳсосгардида ба чунин навгонии илмии таҳқиқот комёб шудааст, ки аз асосноккунии назариявӣ ва методиии механизми амалигардонии рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошанд.

Натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшудаи дисертатнт дар мавридҳои зерин баён гардиданд:

1. Муаллиф дар давоми таҳқиқоти худ роҳҳои ташаккулёбии назария ва методикаи такмилдиҳии андозбандии фаъолияти субеъктҳои соҳибкории хурду миёна бо нишон додани таркиби фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмуъ аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидори истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар шароити гузариш аз сохти аграрӣ ба саноатӣ-аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммиятнок меҳисобад.
2. Диссертант дар рафти таҳлилҳо тамоилҳои андозбандии фаъолияти субеъктҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бо нишон додани мақоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ муайян кардаастт ва дар ин раванд, васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолот дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ, маблағгузории чорабиниҳо оид ба мустаҳкам кардани фаъолгардонии заминаи моддӣ-техникӣ,

рушди муносибатҳои берунӣ ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам барои таъмини рушди соҳибкории истеҳсолии кишвар мебошад.

3. Диссертант дар доираи кори илмии худ як қатор омилҳо ва ҳолати дигаргуншавии фаъолияти субеъктҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бо мақсади ошкор намудани алоқамандии байни воридоти андоз овардааст ва омилҳои таъсиррасони субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродӣ тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тибқи истифодаи имкониятҳои эконометрикӣ таҳлил ва муайян кардааст.

4. Диссертант дар асоси механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории истеҳсолӣ ва такмили вазъи молиявии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мураттаб гардонидани низоми ташаккули сиёсати андозбандии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва чораҳои таъсири идоракунӣ арзёбӣ намудааст. Дар баробари ин зарурияти таъсири меъёрҳои андоз хело зарур ҳисобида шуда, бо ҷой доштани механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ имкониятҳои иқтисоди миллӣ фароҳам оварда мешавад.

5. Дар рафти таҳқиқот аз тарафи муаллиф роҳҳои такмили низоми махсуси андозбандӣ ва ташаккулёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар заминаи дастгирии давлатии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар самти истеҳсол ва фурӯш ҳамчун заминаи моддии манбаи андоз ҷиҳати тадбиқи чорабиниҳои давлатӣ ба омили рушд табдил додани соҳибкорӣ пешниҳод шудааст. Дар ин самт, тақвият додани соҳибкории инфиродӣ бо роҳи беҳгардонии раванди маъмурикунонии андоз, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, вусъат бахшидани ҷараёни рақамикунонии муносибатҳои андозбандӣ ҳамчун воситаҳои муҳими рушди соҳибкорӣ дар асоси сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, васеъшавии манбаи андоз ва усутуворгардонии буҷет равона гардидааст.

6. Истифода аз усулҳои эконометрикӣ муаллиф дурнамои нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолиро коркард кардааст,

пешниҳодҳо ва тавсияҳои худро оид ба самтҳои такмили низоми махсуси андозбандӣ, ки омӯзиш ва таҳқиқотро аз рӯйи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумораи субъектҳо ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродӣ тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ пешниҳод кардааст.

***Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

- омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии такмилдиҳии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ;

- ошкор намудани тамоилҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи он дар робита ба имкониятҳои истифодабарии таҷрибаи пешқадами ИДМ;

- асоснокгардонии равандҳои ташкилию методии дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ ва андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ;

- интихоби омилҳои ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ таъсиррасон, ошкорсозии вобастагии байни онҳо ва таҳияи моделҳои регрессионии арзёбии воридоти андозӣ барои соҳибкории хурд, миёна, инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

- коркарди моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумора ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати таъмини самарабахшии идоракунии стратегӣ;

- таҳияи алгоритм, механизм ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ.

**5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Таҳқиқоти анҷомшуда дар доираи ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили механизмҳои рушди низоми андозбандӣ дар, интишороти олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои даврӣ, ҳамчунин асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, иқтисодчиён оид ба масъалаҳои андозу андозбандӣ омода ардидааст. Дар

раванди тахияи таҳқиқоти илмӣ аз равиши системавӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили умумииқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ ва усули мантиқӣ истифода гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**6. Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Бояд қайд кард, таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати назария ва амалия дар сатҳи баланд тахия шуда барои амали намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар самти такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи низоми махсуси андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори иқтисодӣ ва заминаҳои нави андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизм, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ ба ақидаи таҳқиқотгар имконпазир аст. Аз нигоҳи муқарриз мақсаду вазифаҳои ба миёнгузоштаи муаллиф дар навиштани рисола ҳали худро ёфта, кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ мебошад.

**7. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

1. Дар боби 1, параграфи 1.3. Таҷрибаи байналмилалии андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва тадқиқ гардидааст, вале имкониятҳои истифодаи таҷрибаҳои пешқадам дар ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд дар шакли ягон модели назариявӣ дарҷ мегардид кор аз ин бурд мекард.

2. Дар ҷараёни таҳқиқот диссертант нишондиҳандаҳои омории давраи гуногунро (дар баъзе ҳолат солҳои 2015-2021 ва баъзан солҳои 2017-2021, дар ҷадвалҳои 2.3, 2.5 ва 3.2 бошад солҳои 2020-2021) мавриди таҳлил қарор додааст, беҳтар мебуд агар дар тамоми давраи таҳқиқот солҳои ягона таҳлил мегардид.

3. Муаллиф дар боби 3, ҷадвали 3.1 дигаргуниҳои намудҳои андоз дар кодексҳои андози нав ва пештараи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор

додааст, агар дар ин маврид диссертант бо ишораи фоизи андозҳои қабли ва имрӯза бо лапишҳои гаронии андоз дар ин давраҳо бо овардани качхатаи муайян таҳқиқ менамуд, кор сатҳи баландтарро касб мекард.

4. Агар аз ҷониби муаллиф сабукиҳо ва имтиёзҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои субъектҳои хурду миёнаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшударо дар ҷадвал ё ба графика мавриди таҳлил қарор медод ва самаранокии онҳоро муайян мекард, сифати рисолаи илмӣ беҳтар мегардид.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ нашр кардааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима карда шудааст.

## 9. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар гирифта дар он навгониҳои илмӣ ва хулосаю тавсияҳои илман асоснок, ки ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешаванд, ҷойгир карда шудааст.

## 10. Баҳои умумии мутобиқати рисола ба талаботҳои муқарранамудаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович, дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бахшида шуда, таҳқиқоти илмӣ тахассусии анҷомёфта буда, дар он масъалаи рузмарра аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ таҳлил карда шудааст. Диссертатсия аз дигар корҳои илми бо коркарди консептуалӣ навгониҳои илмӣ, таҳлили соҳа ва таваҷҷуҳи муаллиф ба мушкилотҳои воқеии соҳибкории истеҳсолӣ фарқ мекунад. Аз шумораи мақолаҳои илмии аз рӯйи мавзуӣ диссертатсия муаллиф нашр намуда, метавон гуфт, ки дар он натиҷаҳо ва шартҳои асосии тадқиқоти диссертатсия санҷида шуда ба талаботҳои Низмономаи Комисияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, оид ба таълифи рисолаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Ҳамин тариқ, диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бешубҳа кори илмии анҷом ёфта буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳимму афзалиятнок дар рушди такмили андозбандии соҳибкории истеҳсолиро дорост, комилан ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

Аз ин лиҳоз, муаллиф Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
доктори (PhD) - аз рӯйи ихтисоси – Молия,
дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Яқубзода М.С.**

Имзои Яқубзода М.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ **Бухориев Н.А.**
“11” 03 2024 с.

*Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев 63/3,*
*Телефон.:(+992) 907-86-63-63,*
*E-mail: m.yaqubzoda@mail.ru*